**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2025. – 43 саҳ.).**

Мавқеи шахс дар ҷомеа ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқии ҷорӣ ва муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби онҳо танзим мешаванд, ифода меёбад. Аслан, муносибатҳои гуногуни байни давлат ва шахсро меъёрҳои Конститутсия танзим менамояд. Ҳамин тариқ, дар моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути Конститутсия, қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, танзим ва ҳифз карда мешавад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Мақсади татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия, ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракуниро муайян намуда, тавассути ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳо аз ҷониби Конститутсия ва қонунгузории миллӣ, инчунин санадҳои байналмилалӣ, ки кишвар ба онҳо ҳамроҳ шудааст, ҳифз мегардад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» (с. 1994, бо тағйиротҳо) асоси ҳуқуқии мақоми гурезаро муайян мекунад. Гурезаҳо ба ҳифз аз таъқиб, гирифтани паноҳгоҳ, хизматрасонии тиббӣ, таҳсил ва меҳнат ҳуқуқ доранд. Давлат уҳдадор аст шароити зиндагии онҳоро мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ таъмин намояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид, ки аз ҷумлаи онҳо ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ буд. Бар асари ин ҷанг ҳазорон шаҳрвандони кишвар маҷбур шуданд, ки Тоҷикистонро тарк намуда, дар давлатҳои ҳамсоя паноҳ ҷӯянд. Дар чунин шароит ҳалли масъалаи гурезаҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумати кишвар гардид.

Талаботи рӯз ва вазъияти фоҷиабори гурезаҳо зарурияти таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба миён овард, ки мақоми ҳуқуқии гурезаҳоро муайян намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин самт

таҷрибаи кофии миллӣ надошт, бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ соли 1994 Конвенсияи соли 1951 оид ба мақоми гурезаҳо ва Протоколи соли 1967-ро ба тасвиб расонид.

Минбаъд дар давраи нави давлатдорӣ се қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» (солҳои 1992, 1994 ва 2002) қабул гардиданд, ки барои такмил ва танзими ин соҳа асоси ҳуқуқии муҳим фароҳам оварданд.

Рушду инкишофи мақоми ҳуқуқии гурезаҳо бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд буда, дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ эътироф шудаанд. Мувофиқи банди 2 моддаи 16 Конститутсия, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқу озодиҳои муқаррааргардида баробар бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд ва ухдадориҳои муайян доранд. Ин муқаррарот заминаи ҳуқуқии ҳифзи гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯро дар кишвар фароҳам меорад.

Таҳқиқоти мазкур хусусияти назариявӣ ва амалиро дар бар гирифта, ба таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи гурезаҳо, баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ *дар ин самт ва мутобиқсозии қонунгузории* миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд. Он барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ ва амалии муҳим дорад.

Таҳқиқот бар пояи осори илмии муҳаққиқони маъруфи ватаниву хориҷӣ таҳия шудааст, ки ҳар яке дар самти омӯзиши вазъи ҳуқуқӣ ва конститутсионии гурезаҳо саҳми арзанда доранд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот дорои заминаи назариявии мустаҳкам буда, аз таҷриба ва донишҳои илмии байналмилалӣ ва миллӣ баҳра гирифтааст.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Дар асоси таҳлили назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ-амалӣ муаллиф пешниҳодҳоеро таҳия намудааст, ки ба такмили асосҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд.

Навгонии илмии ин таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф бори аввал масъалаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун як самти мустақили омӯзиши илмӣ таҳқиқ

гардидааст. Дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии мавзуи баррасишаванда мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд.

Хусусияти навгониро метавон дар чанд самт ҷамъбаст намуд:

1. Мавзуи таҳқиқот – то имрӯз дар илми ҳуқуқи конститутсионии Тоҷикистон ба таври мустақил мавриди таҳлил қарор нагирифтааст;
2. Методологияи таҳқиқот – ба таври комплексӣ, бо истифода аз таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои дигар ва санадҳои байналмилалӣ оид ба мақоми гурезаҳо амалӣ шудааст;
3. Мавқеи илмии муаллиф – дар масъалаи таъриф ва муайян кардани хусусиятҳои мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо, ки дар адабиёти илмӣ нав ва аслӣ ба шумор меравад;
4. Самараи амалӣ – таҳия шудани пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузорӣ ва беҳтар намудани сиёсати давлат дар соҳаи муҳоҷират ва ҳимояи гурезаҳо.

Дар маҷмуъ, ин таҳқиқот ба тавсеаи дониши илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат карда, барои рушди қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, махсусан гурезаҳо, заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Конститутсия ва дигар санадҳои зериқонунии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти вазъи ҳуқуқии гурезаҳо истифода шавад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки оид ба мавзуи баррасишаванда баъзе масъалаҳои баҳсталабе ҷой доранд, ки дар матни автореферати мазкур ба назар намерасанд. Аз ҷумла, аз рӯйи андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ як ҳолати дигари аз даст додани мақоми гуреза – «қатъгардӣ», яъне ба даст овардани шаҳрвандӣ бо роҳи барпо кардани оила дар кишвари паноҳдиҳанда мебошад. Дар қонунгузории миллии мо масъалаи мазкур чӣ гуна ба танзим даровarda шудааст, аз мадди назари

муаллиф дур мондааст. Мехостем мавқеи муаллифро роҷеъ ба ин масъала дар рафти ҳимояи ошкоро муайян намоем.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи ҳуқуқи конститутсионӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Асадулло Ғуломов 35, хонаи 9
E.mail: komron231823@gmail.com
Тел: корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои К.Д. Давлатзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.
Тел.: +992 (37) 223-06-10; E.mail: dushanbe80@yahoo.com

«20» ноябри 2025 с.